ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин ба диссертатсияи Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб дар мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб соли 2014 МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»-ро ҳамчун мутахассис бо ихтисоси рӯзноманигори телевизион хатм намудааст. Аз соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардид.

Дар давоми таҳсил ва таҳқиқоти илмӣ Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб худро ҳамчун мутахассиси бомасъулияту донишманд ва дорои қобилияти баланди пажуҳишӣ нишон дод. Қобили қайд аст, ки кори диссертатсионии Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб ҳануз аз солҳои нахустини фаъолияти таълимию илмиаш дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ бо баромаду маърузаҳо дар маҳфилҳои илмӣ шуруъ гардида, ҳамаи ин дар мачмуъ заминаи пажуҳиши диссертатсониашро ташкил намудаанд.

Кори диссертатсионии Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯзноманигории муосири телевизионӣ – инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион бахшида шудааст.

Муҳиммияти мавзуи диссертатсия вобаста аст ба он, ки унвонҷӯ бори нахуст дар илми рӯзноманигории тоҷик инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионро дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» пажуҳиш намуда, таърихи ташаккул, рушд ва махсусиятҳои хоси барномаҳои соҳавии тиббиро дар телевизиони ватанӣ нишон додааст. Ҳамин тарз гузориши масъала дар худ аҳаммият ва

арзишмандиро фаро гирифта, барои омӯзишу баррасии баъзе масъалаҳои ҷараёни пажуҳиши илмӣ ва амалии рӯзноманигории телевизион мусоидат карда метавонад. Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои пажуҳиши диссертатсионии Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб ҳамчунин барои шинохти ҳадаф ва вазифаҳои фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ мусоидат карда метавонад.

Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб дар вақти иҷроиши пажуҳиши диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани пажуҳиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Диссертант исбот намуд, ки ӯ пажуҳишгари мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ҳадафу вазифаҳоро муайян карда, натиҷаҳои муайяншударо бошуурона таҳлилу баррасӣ намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои ба охир расонидани пажуҳиш муайян созад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конфронсҳои илмӣ собит мекунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муқаддимаи диссертатсия дар асоси талабот таҳия гардидааст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, бобу фаслҳо зина ба зина мавзуъро ифода намуда, аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа ба ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Боби аввали дисссертатсия «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар телевизион то соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, замни он дар доираи ду фасл масъалаҳои таъсиси телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбори омма дар Тоҷикистон, пайдоиши барномаҳои соҳавӣ ва махсусан пайдоиши барномаҳои соҳаи тиб ва вижагиҳои ин навъи барномаҳо таҳқиқ ва муайяну мушаххас карда шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия бо унвонии «Таҳаввули телевизион дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми ин боб «Рушд ва ташаккули телевизион дар замони соҳибистиқлолӣ» вижагиҳои телевизиони тоҷик дар замони Истиқлол ва рушду ташаккули соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби дуюм «Пешрафти технологии шабакаҳои телевизионӣ дар солҳои Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон дошта, ба масъалаҳои рушду ташаккули шабакаҳои телевизионӣ аз ҷиҳати технологияи иттилоотӣ тасниф гардидааст. Дар фасли сеюми ин боб, ки «Инъикоси васеи соҳаи тандурустӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»» ном дорад, инъикоси васеи соҳаи тандурустӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» тасниф шуда, вижагиҳои он муайян карда шудааст.

Боби сеюм «Вижагиҳои жанрӣ ва сохтории барномаҳои соҳавии телевизионӣ дар мавзуъҳои тиббӣ» ном дошта, дар доираи се фасл вижагиҳои жанрӣ ва сохтории барномаҳои соҳавии тиббии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шудааст. Агар дар фасли аввали ин боб дараҷаи корбурди жанрҳои хабарӣ дар инъикоси дастоварду мушкилоти соҳаи тиб пажуҳиш шуда бошад, фасли дуюми роҳу усулҳои корбасти жанрҳои таҳлилӣ дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни тиббиро дар бар гирифтааст. Фасли сеюми бобои мазкур – «Инъикоси корномаҳои шифокорон тавассути жанрҳои лавҳаву очерк ва эссе» бошад ба муаррифии корномаи шифокорон ва шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори табибони пуртаҷриба бахшида шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертант ба мақсаду ҳадафҳои дар назди худ гузошта расидааст ва диссертатсия ҷавобгӯи талаботи таҳияи рисолаи илмӣ мебошад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявии диссертант Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб дар доираи рисолаи диссертатсиониаш бо номи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» дар 6 мақолаи илмии нашршудаи ӯ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда инъикос ёфтаанд. Унвонҷӯ дар якчанд конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмию амалӣ ва назариявӣ дар доираи мавзуи илмию таҳқиқотиаш маърузаҳо кардааст.

Муҳтавои диссертатсияи Наврӯзшоҳи Холназари Раҷаб бо номи мавзуъ ва соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Хулоса, таҳқиқи диссертатсионии Наврӯзшоҳи Холназари Рачаб дар мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион ва
радиошунавонии МДТ-и «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов З.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Б.Ғафуров бинои 32, ҳуҷраи 46.
Тел.: (+992) 93-505-14-63
E-mail: m.zulfiddin@mail.ru

Имзои Муъминҷонов З.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои МДТ-и
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Нуридинзода Ф.

Нишонӣ: 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73а.
Тел.: (+992 37) 231- 45- 45
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj

«10» октябри соли 2025.